# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 19.09.2025, №70**

Барои сазовор донистани Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, дода мешавад.

Диссертатсияи Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз санаи 11 июли соли 2025, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №86 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат 27-уми июли соли 1974 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҳазратзода Т.Ҳ. соли 1991 ба Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ба ихтисоси иқтисодиёт ва баплангирии КАС (мутахассис) дохил шуда, соли 1996 донишгоҳи мазкурро хатм намудааст.

Пас аз хатми Донишгоҳ то ба ҳол дар вазифаҳои гуногуни зерин фаъолият намудааст: солҳои 1996-1999 – сармутахассиси шуъбаи ояндабинии Раёсати иқтисоди Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон; солҳои 1999-2002 – сардори шуъбаи экспертизаи лоиҳаҳои сармоягузории Ширкати давлатии суғуртаи сармоягузории “Тоҷиксармоягузор”-и назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; солҳои 2004-2007 – ассистенти кафедраи назарияи иқтисоди Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ; солҳои 2007-2011 – сарменеҷер-маъмури Маркази хизматрасонии чаканавиии ҶСК “Агроинвестбонк”; солҳои 2012-2018 – муаллими калони кафедраи суғуртаи Донишкадаи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон; солҳои 2018-2020 – ассистенти кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз соли 2020 то ҳоло дар кафедраи муносибатҳои молиявӣ - қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба ҳайси муаллими калон фаъолият менамояд.

Аз соли 2022 то соли 2025 ба ҳайси унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳсил карда, онро аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз хатм кардааст.

Мавзуи диссертатсияи Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2022, суратҷаласаи №4/5.17 тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Сафаров Баҳром Гулматович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**-Султонов Зубайдулло Султонович -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон:

**- Сафаров Хуррам Абдусатторович,** номзади илмҳои иқтисодӣ, устоди кафедраи молияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар тақризи худ, ки аз ҷониби ташхисгар - н.и.и., дотсенти кафедраи фаъолияти гумрук Ашурзода Ш. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи молия ва суғурта муҳокима ва тасдиқ (протоколи №1, аз 29.08.2025) карда шуда, бо имзои мудири кафедраи молия ва суғурта, н.и.и., дотсент Ҳусайнов М.Н. таъйид шуда, аз ҷониби ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.ҳ., профессор Насриддинзода Э.С. санаи 01.09.2025 сол тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса чунин бароварда шудааст, ки диссертатсияи Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат дар мавзуи “Мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз таҳқиқоти илмӣ-тахассусии ба итмомрасида буда, ба талаботи муқаррааргардидаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Ҳамзамон диссертатсия дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ ва навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардида, масъалаи муҳимми илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 13 интишороти илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## ФЕҲРИСТИ КОРҲОИ ЧОПШУДАИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### а) мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ тавсияшаванда нашр гардидаанд:

[1-М]. Эшбеков, Т.Ҳ. (Ҳазратзода Т.Ҳ.) Ташаккули механизми самараноки истифодаи кумаки беруна [Матн] / Т.Ҳ. Эшбеков, П.Н. Усмонов // Паёми молия ва иқтисод. Маҷаллаи илмии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Соҳаи илмҳои иқтисодӣ. - Душанбе, 2021. - № 2 (26). – С. 95-102. ISSN 2663-0389.

[2-М]. Эшбеков, Т.Ҳ. (Ҳазратзода Т.Ҳ.) Муносибатҳои байнибуҷетӣ: Самтҳои афзалиятноки рушди онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Т.Ҳ. Эшбеков, П.Н. Усмонов // Паёми молия ва иқтисод. Маҷаллаи илмии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Соҳаи илмҳои иқтисодӣ, - Душанбе, 2021. - №4/1 (29). – С. 131-136. ISSN 2663-0389.

[3-М]. Эшбеков, Т.Ҳ. (Ҳазратзода Т.Ҳ.) Таҳлили вазъи муосири идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ ва дастгирии молиявии минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Т.Ҳ. Эшбеков // Иқтисодиёти Тоҷикистон. Нашриёти

Института иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. - №3. - С. 212-219. ISSN 2310-3957.

[4-М]. Эшбеков, Т.Ҳ. (Ҳазратзода Т.Ҳ.) Арзёбии сарчашмаҳои буҷетҳои маҳаллӣ ва идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар ВМКБ [Матн] / Т.Ҳ. Эшбеков, Б.Г. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ-гуманитарӣ. – 2022. - №6. - С. 103-110. ISSN 2413-5151.

[5-М]. Эшбеков, Т.Ҳ. (Ҳазратзода Т.Ҳ.) Мукаммалгардонии муносибатҳои байнибуҷетӣ ва дастгирии молиявии минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Т.Ҳ. Эшбеков // Паёми молия ва иқтисод. Маҷаллаи илмии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Соҳаи илмҳои иқтисодӣ. - Душанбе, 2023. - №3 (37). - С. 282-293. ISSN – 2663-0389.

**б) мақолаҳое, ки дар дигар маҷаллаҳо, нашриёт ва маҷмуаҳо нашр гардидаанд:**

[6-М]. Ҳазратзода, Т.Ҳ. Арзёбии сарчашмаҳо ва фишангҳои маблағгузории буҷети маҳаллии минтақаҳои сусттараққикарда [Матн] / Т.Ҳ. Ҳазратзода // Паёми молия ва иқтисод. Маҷаллаи илмии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Соҳаи илмҳои иқтисодӣ. - Душанбе, 2024. - №4.1 (43). - С. 242-253. ISSN – 2663-0389.

[7-М]. Эшбеков, Т.Ҳ. (Ҳазратзода Т.Ҳ.) Таҷрибаи хориҷии идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ ва истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Т.Ҳ. Эшбеков, Б.Г. Сафаров // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Тоҷикистон дар низоми муносибатҳои муосири байналмилалии молиявию қарзӣ». - Душанбе, 26-уми декабри соли 2021. - С.68-73.

[8-М]. Эшбеков, Т.Ҳ. (Ҳазратзода Т.Ҳ.) Муносибатҳои байнибуҷетӣ ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Т.Ҳ. Эшбеков // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Низоми буҷетии ҶТ дар давраи истиқлолияти давлатӣ: ҳолат ва дурнамо". – Душанбе, 11-уми декабри соли 2021. - С.174-181.

[9-М]. Эшбеков, Т.Ҳ. Роҳҳо ва механизмҳои асосии рушди муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Т.Ҳ. Эшбеков // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи кормандони мақомоти андоз дар мавзуи "Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба инкишофи иқтисодиёти миллӣ: воқеият ва дурнамо" – Душанбе, 07-уми майи соли 2022. - С. 93-99.

[10-М]. Эшбеков, Т.Ҳ. (Ҳазратзода Т.Ҳ.) Афзалиятҳо ва самтҳои асосии рушди муносибатҳои байнибуҷетӣ [Матн] / Т.Ҳ. Эшбеков // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни ДДМИТ аз рӯйи натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бахшида ба "Солҳои рушди саноат" (2022-2026) аз 18 то 22 апрели соли 2022. - С.66-69.

[11-М]. Эшбеков, Т.Ҳ. (Ҳазратзода Т.Ҳ.) Таҳлили вазъи муосир ва дурнамои рушди муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Т.Ҳ. Эшбеков // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии кафедраи менеҷмент ва маркетинг дар якҷоягӣ бо кафедраи менеҷменти молиявӣ. – Душанбе, 29 ноябри соли 2022. – С. 111-117.

[12-М]. Эшбеков, Т.Ҳ. (Ҳазратзода Т.Ҳ.) Асосҳои методологии идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Т.Ҳ. Эшбеков // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни ДДМИТ аз рӯйи натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ (2022-2026), аз 24 то 28 апрели соли 2023. - С.83-87.

[13-М]. Эшбеков, Т.Ҳ. Асосҳои институтсионалии танзими муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Т.Ҳ. Эшбеков // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Муаммоҳо ва дурнамои рушди бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ", бахшида ба ҷашни 100 – умин солгарди таъсисёбии мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (07.12.2024). –С.273-282.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Раҳмонзода З.Ф. ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, д.и.и., и.в. профессор чунин эродҳо:**

1. Хуб мешуд дар автореферат сенария, дурнамои вазъи рушди муносибатҳои байнибуҷетӣ оварда мешуд.

**2. Бобоев О.Б. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин эродҳо:**

1. Дар саҳифаи 12, ҷадвали 1 маҷмуи усулҳо, фишангҳо ва воситаҳои таҳаввулоти муносибатҳои байнибуҷетӣ оварда шудааст, вале муҳтавои зерсохтори ибораҳои мазкур дар автореферат камтар шарҳ дода шудааст.

**3. Раҳматов Б.Қ. - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара чунин эродҳо:**

1. Таҷрибаи такмили механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар дигар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта мешуд.

**4. Қурбонова Ф.А. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедари кори бонкии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, бо чунин эрод:**

1. Муаллиф дар ҷадвали «2. Самтҳои арзёбии таъмини устувории буҷетҳои минтақавӣ ва маҳаллӣ» ақидаи муаллифии худро пешниҳод намудааст. Хуб мешуд, ки оид ба масъалаи мазкур дар автореферат маълумоти нисбатан пурратар дарҷ мегардид.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи*** илман асоснок пешниҳод шудааст, ки такмили идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд воситаи ҳавасмандгардонии фаъолияти хоҷагии минтақавӣ ва миллӣ барои истифодаи самаранок ва устувори захираҳои табиӣ гардад. Ин равандро тавассути омезиши ҳавасмандгардонии молиявӣ (чараёнҳои оптимизатсияшудаи байнибуҷетӣ) бо рушди технологӣ, сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ва ҷалби мақсадноки захираҳои молиявии давлатӣ ва хориҷӣ амалӣ кардан имконпазир аст.

***- таърифи муаллифии*** идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ пешниҳод шудааст, ки он маҷмуи муносибатҳои байни сохторҳои ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ ва сохторҳои идоракунии фондҳои мақсадноки давлатӣ мебошад, ки барои таъмини ҷараёни буҷетӣ равона карда шудааст.

- ***алгоритми*** такмилёфтаи идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ таҳия, асоснок ва пешниҳод гардидааст, ки тибқи он самтҳои зерини мукаммалгардонии муносибатҳои байнибуҷетӣ пешниҳод шудааст: 1) амиқӣ ва боэътимодии пешгӯиҳои иқтисодӣ; 2) шаклгирии буҷетҳо бо дарназардошти дурнамои дарозмуҳлати параметрҳои низоми буҷети миллӣ бар асоси ҳисобҳои воқеӣ; 3) пойдорӣ ва пешгӯии сиёсати буҷетию андозӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақа; 4) номувофиқии хароҷоти буҷет бо манобеи муайяни даромад; 5) ҷудонамоии буҷет, имтиёзҳои андозӣ, амвол ва кафолатҳо; 6) ҳиссаҷудонамоии буҷетӣ ва банақшагирии он дар асоси иҷрои саривақтии уҳдадориҳои хароҷоти мавҷуда; 7) таъсис ва дастгирии захираҳои зарурии молиявӣ.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** асосии кор бо муҳтавои натиҷаҳои илмии бадастоварда ва ва алоқамандии он бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳқиқоти олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба масоили муносибатҳои байнибуҷетӣ дар ҳошияи молияи давлатӣ, нисбат ба механизмҳои татбиқи муносибатҳои байнибуҷетӣ, ҳисоботи илмӣ ва интишорот оид ба ташаккул ва татбиқи муносибатҳои байнибуҷетӣ, истифодаи дастовардҳои инноватсионӣ ва таҷрибаи хориҷии татбиқи оқилонаи муносибатҳои байнибуҷетӣ дар гурӯҳҳои алоҳидаи мамлакатҳои ҷаҳон, масоили мукаммалгардонии муносибатҳои байнибуҷетӣ мутобиқат мекунад.

***- исбот шудааст,*** ки идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар асоси коркард ва муайян намудани шохиси муносибатҳои мазкур, бо як алгоритми хоси ба ягон ҳадаф ва мақсад нигаронидашуда ва риояи принсипи афзоиши сарчашмаҳои дохилӣ дар шаклгирӣ, тақсимот ва захираҳои молиявии буҷетҳои маҳаллӣ нақши калидӣ дошта, он ҳамчун механизми муосири дастгирии молиявии марказ ҷиҳати татбиқи афзалиятҳои (ҳадафҳои) стратегии кишвар дар сатҳи минтақаҳо мебошад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:**

***- ғояи*** таҳқиқот ба муқаррароте такя мекунад, ки дар таърифи мафҳуми муаллифии «муносибатҳои байнибуҷетӣ» дарҷ гаштааст: «Муносибатҳои байнибуҷетӣ маҷмуи муносибатҳои тақсим ва азнавтақсимкунии маблағҳои молиявӣ байни сохторҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва сохторҳои идоракунии фондҳои мақсадноки давлатӣ ва ғайридавлатӣ мебошад, ки барои таъмини пурраи талаботи аҳолӣ ва субъектҳои гуногун ба хизматрасониҳои

давлатӣ барои таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ва минтақаҳои он, дар асоси нигоҳдории дарозмуддат ва динамикии мувозинати тавозунии буҷетӣ, ки боиси баробар баланд шудани сатҳи зиндагии мардум дар тамоми манотиқи кишвар равона гардидааст».

***- самтҳои*** арзёбии таъмини устувории буҷетҳои минтақавӣ ва маҳаллӣ асоснок ва пешниҳод гардидааст: а) арзёбии вазъи молиявии буҷети маҳаллӣ; б) арзёбии дараҷаи тафовут ва фарқияти дохили-минтақавӣ; в) арзёбии низоми тақсимоти кумакҳои молиявӣ; г) арзёбии заминаи меъёрии муносибатҳои байнибуҷетӣ.

**- *омӯхта шудаанд:*** а) натиҷаи дурнамои муносибатҳои байнибуҷетӣ дар мисоли ВМКБ ва Хатлон муайян намуд, ки дар ҳолати мавҷудбудаи нишондиҳандаҳои омилӣ таъсири онҳо дар ташаккули буҷети маҳаллӣ ҷой дошта бошад ҳам, аммо самараи иқтисодии онҳо кам буда, дар ояндаи наздик тағйирёбии куллиро ба самти афзуншавии буҷети маҳаллӣ таъмин карда наметавонанд; б) муайян шудааст, ки нишондиҳандаи трансфертҳои буҷетӣ айни замон дар ташаккули буҷети маҳаллӣ таъсири муайян расонида наметавонад ва саҳми он камтаъсир мебошад.

- ***асоснок карда шудааст:*** 1) воридсозии ислоҳот ба методикаи ҳисобнамоии намояи иқтидори андоз бо дарназардошти тағйирот дар пояи низоми андози минтақаҳои кишвар дар шароити ба вуқуъ пайвастани бухрони иқтисодӣ; 2) мукаммалнамоии тартиботи муқаррарнамоии ҳаҷми мусоидатҳои молиявӣ ҷиҳати мувозиннамоии таъминнокии буҷети минтақаҳои кишвар ва пешбинии мусоидатҳои молиявии буҷети шаҳру навоҳӣ, баҳри таъминнокии буҷети муқарраргардида.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Молия», «Идоракунии буҷети маҳаллӣ», «Буҷет ва низоми буҷетӣ», «Идораи молияи давлатӣ», «Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ» ва дигар маводи илмӣ-амалӣ дар кафедраҳои молия ва муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Раёсати молияи ш. Душанбе мавриди истифода қарор гирифтаанд
- тавассути ***сенариясозӣ дар модели иқтисодӣ-риёзӣ*** ҳисоб карда шудааст, ки ҳангоми бошиддат ба нишондиҳандаҳо афзоиш додан ва дараҷаи ҷойгоҳи онҳо қавитар шудан, андозаи афзоишёфтаи устувори давра ба давраи онҳо таъмин мегардад ва он гоҳ ташаккулёбии буҷети маҳаллӣ тавассути онҳо устуворона рушд хоҳад кард ва ҳангоми бамаротиб зиёд гаштани нишондиҳандаҳои омилҳо ва дар қатори онҳо мутаносибан афзоиш ёфтани нишондиҳандаҳои трансфертҳои буҷетӣ омили вобаста, яъне буҷети маҳаллӣ мавқеи худро дар оянда устувор карда метавонад ва тамоюли афзуншавиаш дар оянда устувор хоҳад шуд.
- ***муаммоҳо*** дар низоми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетии вилояти Хатлон ва ВМКБ, ҳамчун минтақаҳои нисбатан қафомонда аз вилояти Суғду шаҳри Душанбе, ошкор карда шуда, оид ба зарурати мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ, ки дар минтақа амал мекунанд, пешниҳодҳо манзур шудааст.

**-** ***пешниҳод шудааст***: а) барои боз ҳам зиёдтар иҷро намудани қисми даромади буҷети ВМКБ ва дарёфти сарчашмаҳои нави андозбандӣ пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ байни аҳолӣ ва андозсупорандагон гузаронида, кормандони кирояро

пурра ба қайд гирифта, соҳибкорони инфиродиро бо патент ва шаҳодатнома таъмин карда, инвентаризатсияи молу мулки ғайриманқул ва воситаи нақлиёти шахсони воқеӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад; б) бояд ҳиссаҷудокуниҳо аз андози умумиҷумҳуриявӣ бо тариқи устувор (на кам аз 5 сол) ба буҷетҳои маҳаллие, ки ба сифати “донор” ё “худтаъминкунанда” амал наменамоянд, муайян карда шавад; в) барои кам намудан ва аз байн бурдани бақияпулиҳои андозӣ, бо иштироки кормандони мақомотҳои молия ва андоз як кумитаи ҳамоҳангсозӣ таъсис дода шавад

- **Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ба назарияи идоракунии муносибатҳои байнибуҷетии сатҳҳои гуногун, мутавозинии таъмини даромаду хароҷотҳо барои минтақа, танзими оқилонаи давлатӣ дар самти таъмини мувозинати сатҳи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо, методикаи тавозуни амудию уфуқии буҷети зинаҳои гуногун дар доираи Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ***пешниҳод гардидааст,*** ки имконияти таъмини рушди устувор ва самараноки бахши молиявиро фароҳам оварда, мустақиман ба сатҳи рушди иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад.

- ***равиши илман*** мукаммалнамоии методикаи тақсимнамоии кумаки молиявӣ дар марҳилаи дарозмуҳлат ва дар сатҳи миллӣ барои ба мувозинат овардани дараҷаи таъмини буҷети маҳал дар асоси андешидани чораҳои зерин таҳия ва пешниҳод гардидааст: 1) аз тарафи қонунгузорӣ муқаррар кардани меъёри хизматрасониҳои буҷетӣ ва меъёри ҳадди ақал барои хароҷоти молиявӣ ҷиҳати пешниҳоди онҳо баҳри тақсимнамоии кумакпулиҳо барои мувозиннамоии таъминоти буҷет ва пешниҳоди хизматрасониҳо дар доираи ҳадди ақалли меъёрҳои муқарраршуда; 2) ҳавасмандгардонии буҷетҳои маҳал барои расидан ба натиҷаҳои мусбии иқтисодӣ-иҷтимоӣ; 3) дар санадҳои қонунгузорӣ-ҳуқуқӣ принсипҳои баробарии равобити байнибуҷетиро ба таври дақиқ муайян кардан.

- ***усулҳои*** абстрактӣ-мантиқӣ, монографӣ, оморӣ-иқтисодии коркарди маълумот буда, усули ояндабинии таҳлилӣ, усулҳои ҷадвалсозӣ, тасвирӣ, матнии намоишдиҳандаи натиҷаҳои таҳқиқот истифода шудаанд.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқарраротн мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” сароҳатан сатҳи онро 81,35% ва 82,64% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) интихоб ва таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва нақшаи кории иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст; 2) Муаллиф дар васеътар намудани назарияи мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ саҳми худро гузошта, муносибати системавиро нисбат таъмин намудани мувозинати буҷетҳои маҳаллӣ пешниҳод кардааст; 3) иштироки бевоситаи муаллиф дар иҷрои нақшаи корҳои илмӣ дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати таҳия ва нашри мақолаҳо, асосноккунӣ ва мубраммияти он, мақсади гузошташуда ва механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ муайян карда шудааст; 4) дар омода намудани 13 мақола, аз он ҷумла 5-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии такмили идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 2,1; 2,7; 2,15; 2,17 ва 2,28-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 19.09.2025 қарори сазовор донистани Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 16 нафар (аз он ҷумла 1 нафар тариқи маҷозӣ) иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 6 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда (аз ҷумла 1 нафар тариқи маҷозӣ). Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта (1 нафар тариқи маҷозӣ) овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» – 16 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси**
шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор — Фақеров Ҳ.Н.

**Котиби илмии**
шурои диссертатсионӣ
номзади илмҳои иқтисодӣ — Убайдуллоев Ф.К.

**19 сентябри соли 2025**